**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»**
**дотсент Набизода М.С. ________**
**«_6_» ________________соли 2026**

**ХУЛОСАИ**
**КАФЕДРАИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИКИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

Диссертатсияи Раҳмонзода (Ҳомидова) Наргис Раҳмон дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба анҷом расидааст».

Раҳмонзода (Ҳомидова) Наргис Раҳмон (05.03.1991, ш.Хуҷанд), муаллимаи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик (аз 2015). Ҳоло ба таълими фанни методикаи таълими забони тоҷикӣ машғул буда, муаллифи зиёда аз 19 мақолаи илмӣ, 1 монография ва 1 дастури методӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Набизода Муҳаббат Набиҷон таъин шудааст.

Дар натиҷаи баррасии диссертатсияи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» хулосаҳои зерин бароварда шуд:

**Ҳадафи таҳқиқот** - асосҳои назарӣ ва методологии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни омӯзиши калима ва таъбирҳои тоҷикӣ.

- муайян намудани роҳҳо ва амсилаҳои муосири таълим дар заминаи муносибати босалоҳият, ки ба таҳкими фаъолияти маърифатии

муҳассилин ва модернизатсияи раванди таълими забони тоҷикӣ нигаронида шудаанд;
- таҳияи заминаҳои методии тавсеаи захираи луғавии муҳассилин тавассути омӯзиши муназзами воҳидҳои лексикологӣ ва ибораҳои рехта (фразеологизмҳо) бо мақсади таъмини фасоҳат, равонӣ ва балоғати нутқи шифоҳию хаттӣ;
- эҷод ва асосноккунии низоми пайдарпайи машқҳои нутқӣ ва методҳои суханронӣ, ки ба рушди қобилияти коммуникативӣ, маҳорати риторикӣ (суханварӣ) ва ташаккули тафаккури мантиқии хонандагон нигаронида шудаанд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия усулҳои бунёдӣ-назариявӣ, мушоҳида ва озмоиши эмпирикӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** - дар таҳияи методикаи аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва таҷрибаи санҷидашудаи ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар раванди омӯзиши калима ва таъбирҳо аз ҷониби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ иборат аст:

1. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ оид ба забоншиносӣ, равоншиносӣ, педагогика, методикаи таълими забони тоҷикӣ муқаррароти назариявии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагони МТМУ дар раванди омӯзиши калима ва таъбирҳо муайян карда шуданд;
2. Таҳияи амсилаи методие, ки раванди азхудкунии маъноҳои луғавӣ, таъбирҳо бо вазъияти воқеии муошират пайваст мекунанд, амалӣ шуд;
3. Самаранокии омӯзиши калима ва таъбирҳо дар МТМУ дар асоси салоҳияти иртиботӣ дар таҷриба исбот карда шуд;
4. Маълумоти илмӣ дар бораи малакаҳои нутқ, тафаккур ва салоҳияти иртиботии хонандагони ба даст омаданд, ки ба густариши заминаи равонӣ-педагогӣ барои таҳияи системаи аз ҷиҳати методӣ самарабахши кор оид ба такмил додани нутқи хонандагон мусоидат мекунад;

5. Технологияи омӯзиши мактабии мафҳумҳои калима ва таъбирҳо дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим таҳия карда шуд;
6. Луғати мухтасари фразеологӣ таҳия гардид.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо асосноккунии мақсадноки омӯзиши нақши воҳидҳои луғавӣ дар таҳияи матн ва интихоби мафҳумҳо барои татбиқи салоҳияти иртиботӣ; таҳияи асосҳои илмӣ-назариявии омӯзиши нақши воҳидҳои луғавӣ дар матн (шифоҳӣ ва хаттӣ) муайян карда мешавад.

- Таҳқиқи мушкилоти азхудкунии воҳидҳои луғавӣ аз ҷониби хонандагони МТМУ дар асоси таҳлили адабиёти забоншиносӣ, педагогӣ ва методӣ;

- Санҷиши вазъи дониш ва салоҳияти иртиботии хонандагон дар замони муосир;

- Таҳлили маҷмуаҳои асосии таълимӣ-методӣ ва муайян кардани вазифаҳои методӣ оид ба таносуб ва пешниҳоди маводи назариявӣ ва амалии китобҳои дарсӣ, инчунин имкониятҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар заминаи онҳо то кадом андоза ҳал карда мешаванд;

-Таҳия ва тавсифи методикаи ташаккули салоҳияти иртиботӣ зимни таълими калима ва таъбирҳо;

-Санҷидани самаранокии шаклу усули пешниҳодшудаи таълим дар ҷараёни гузаронидани таҷрибаи таълимӣ ва коркарди методии натиҷаҳои он.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки методикаи омӯзиши воҳидҳои луғавӣ бо мақсади такмил додани нутқи хонандагони МТМУ санҷида ва татбиқ карда шудааст, матнҳо барои омӯзиши нақши воҳидҳои луғавӣ дар ташкили матн пешниҳод карда шудаанд, намунаи нақшаи тавзеҳии дарсҳо оид ба методикаи пешниҳодшуда тартиб дода шудаанд. Муқаррароти назариявии диссертатсияро метавон ба лексияҳо, машғулиятҳои амалӣ ва семинарӣ дар донишгоҳҳои педагогӣ дохил кард,

инчунин ҳангоми омода кардани курсҳои махсус дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии педагогӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода кардан мумкин аст. Маводи амалии таҳқиқотро метавон ҳамчун маводи дидактикӣ ҳангоми таълими фасли калима ва таъбирҳо, дар тавсияҳои методӣ ба курси забони тоҷикӣ дар мактаби олӣ, барои такмили барномаҳои мактабӣ, ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳо истифода бурд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқот дар 6 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтааст:

[1-М]. Ҳомидова (Раҳмонзода) Н.Р. Татбиқи муносибати босалоҳият зимни таълими калима ва воҳидҳои фразеологӣ / Раҳмонзода (Ҳомидова) Н.Р. [Матн].// Номаи донишгоҳ. Хуҷанд, – 2023. – № 4 [77] –С.206-211. (ISSN 2077-4990)

[2-М]. Раҳмонзода Н.Р. Таълими хусусият ва вазифаҳои воҳидҳои фразеологӣ [Матн] Раҳмонзода Н.Р. // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. Хоруғ-2025.–№3 (03)–С.106-111. (ISSN 2664-5696)

[3-М]. Раҳмонзода Н.Р. Баъзе вижагиҳои омӯзиши фразеологизмҳо дар мактаб // Номаи Донишгоҳ Хуҷанд.-2025, №4 (82)–С. 294-267. (ISSN 2077-4990)

[4-М]. Раҳмонзода Н.Р. (ҳаммуаллиф) Принсипҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар раванди таълими калима ва таъбирҳо [Матн] / Набизода М.Н., Раҳмонзода Н.Р. // Номаи донишгоҳи Хуҷанд. - 2026, №1 (86) –С. 140-146. [ISSN 2077-4990]

[5-М]. Раҳмонзода Н.Р.(ҳаммуаллиф) Китоби насли нав - равзана ба оянда. [Матн] / Ш. С. Солеҳзода, Н. Р. Раҳмонзода // Номаи донишгоҳ. – Хуҷанд, 2026. –№2 (87). – С. 230-240. (ISSN 2077-4990)

Рисолаи номзадии Раҳмонзода Н.Р. таҳти унвони «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» таҳқиқоти комил ва анҷомёфта буда, аҳаммияти илмӣ-методӣ дорад.

Диссертатсияи Раҳмонзода Н.Р. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба анҷом расидааст, пурра мувофиқ мебошад.

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» чунин меҳисобад, ки диссертатсияи Раҳмонзода Н.Р. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ кори анҷомёфта маҳсуб ёфта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. – Назария ва методикаи таълим забони тоҷикӣ ба дифоъ пешниҳод мегардад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» муҳокима шуда, зимни он қарорҳои зерин қабул гардидааст:

1. Диссертатсияи Раҳмонзода (Ҳомидова) Наргис Раҳмон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ ба талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Раҳмонзода (Ҳомидова) Наргис Раҳмон дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» кори анҷомёфта ҳисобида мешавад.

3. Диссертатсияи Раҳмонзода (Ҳомидова) Наргис Раҳмон дар мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо» барои ҳимоя тавсия карда мешавад.

Дар маҷлиси кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик дар ҳайати 11 нафар, аз ҷумла, 1 профессор ва 10 нафар н.и.ф. ва як нафар муаллими калон иштирок дошт.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 11 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Протоколи № 9 аз 6-уми апрели соли 2026.

| | |
|---|---|
| **Раиси ҷаласа** | Ҳакимова Шоира Исломовна – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» |
| **Котиби ҷаласа** | Бобоева И. А. номзади илмҳои педагогӣ, дотсент |


**Маълумот барои тамос:**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1


Имзои Ҳакимова Ш.И. ва Бобоева И.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» Сайдуллозода З.С.